**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Алиева Ҷамила Файзовна таҳти унвони “Нақши Садриддин Айнӣ дар таҳрири забони асарҳои бадеӣ ва публитсистӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ. – Душанбе, 2024. – 27 с.**

Таҳқиқу баррасии фаъолияти муҳарририи донишмандони варзида Садриддин Айнӣ, ки яке аз самтҳои фаъолияти нависанда мебошад, ҳанӯз мавриди таҳқиқи илмӣ қарор нагирифтааст. Мактаби бузурги муҳарририи ин абармарди бузург метавонад барои ба низом даровардани забони меъёрӣ саҳми калон гузорад . Зеро имрӯз низ дар забони васоити ахбори омма нуқсонҳои зиёди имлоиву грамматикӣ ва услубӣ, аз ҷумла, истифодаи бемавқеи воситаҳои забонӣ, калимаву ибораҳои сунъисохт ба назар мерасанд. Ин таҳқиқот ба мо имкон медиҳад, ки сабақҳои устод Айниро сармашқи кори худ намуда, барои тозагӣ ва асолати забони адабии тоҷик истифода намоем. Маҳз ба ҳамин хотир автореферати диссертатсияи унвонҷӯй Алиева Ҷамила Файзовна аз ҷумлаи масъалаҳои мубраму арзишманд маҳсуб меёбад.

Мутобиқи автореферат диссертатсия аз ихтисоршудаҳо, муқаддима, се боб, 16 фасл, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои диссертатсия, феҳристи адабиёт ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия иборат аст.

**Дар муқаддима** оид ба мубрамӣ, зарурати интихоби мавзуъ, дараҷаи омӯхташавии он, мақсаду вазифа ва навгониҳои диссертатсия, методҳои таҳқиқот, аҳаммияти назариявию амалии таҳқиқот ва ғайра сухан рафтааст.

Боби якум «**Асосҳои назариявӣ ва амалии таҳрири адабӣ**» ном дошта, аз ҳафт фасл иборат аст. **Фасли аввали** боби якум «Матншиносии таҳрир (маънии истилоҳӣ)» ном дошта, дар мавриди пажуҳиши донишмандону муҳаққиқон оид ба маънои истилоҳии муҳаррирӣ, таҳрири адабӣ ва мавқеи он дар фаъолияти инсоният баҳс меравад.

**Фасли дуюми боби якум** “Адабиёти бадеӣ ва муҳаррарӣ” унвон дошта, бештар ба масъалаҳои адабиёти бадеӣ ва ниёз ба таҳрир доштани он баҳс меравад. Ичунин дар ин фасл муҳаққиқ дар бораи нақши муҳаррир ва ҷузъиёти лабаратори ӯ ибрози назар намуда, муносибати онро ба адабиёти бадеӣ ва ҷаҳони маънавӣ ба риштаи таҳқи кашидааст.

**Фасли сеюми боби мазкур** “Тарзҳо ва меъёрҳои арзёбии асар ё матни адаби” номгузорӣ шуда, раванди кори муҳаррирӣ, вазифаҳои муҳаррир,

малакаву маҳорати ӯ, меъёри таҳриру арзёбӣ ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст.

**Фасли чоруми боби аввал** “Мутодика ва усулҳои кори муҳаррири асарҳои бадеӣ” номгузорӣ шуда, дар ин фасл дидгоҳи муҳаққиқони соҳа дар мавриди усулҳои кори муҳаррири адабӣ баррасӣ гардидааст.

**Фасли панҷуми боби якум** “Хусусиятҳои таҳрири жанрҳои адабӣ” ном дошта, дар ин фасл вижагиҳои кори муҳаррирӣ, таҳрири жанрҳои адабӣ, вазифаҳои муҳаррир таҳлил ва баррасӣ гардидааст.

**Фасли шашуми боби якум** “Таҳрир ва нашри осори бадеии классикӣ” унвон дошта, дар ин фасл вижагиҳои чопи осори классикон, нақши муҳаррир дар ин самт таҳлил гардидаанд.

Фасли ҳафтуми боби аввал **“Аз таърихи таҳрири адабӣ”** унвон дошта, дар ин фасл таърихи муҳаррирӣ ва таҳрири адабӣ нақши он дар ташаккули фарҳанги инсоният маври пажуҳиш қарор гирифтааст.

**Боби дуюми диссертатсия** “Фаъолияти муҳарририи Садриддин Айнӣ” ном дорад, ки он аз 5 фасл иборат аст. Дар фасли аввал, ки **“Фаъолияти муҳарририи Садриддин Айнӣ дар манзараи танқиди адабӣ”** ном дорад. Ин фасл ба фаъолияти муҳарририи устод Айнӣ, ки аз ҷониби мунаққидону донишмандон баррасӣ гардидааст, бахшида мешавад. Муҳаққиқ дар ин фасл нуқтаи назари муҳаққиқонро таҳлил намуда, хулосаҳои илмӣ мебарорад. Дар фасли дуюми боби дуюм “**Нақши Садриддин Айнӣ дар таҳрири осораш”** доир ба фаъолияти муҳаррири Садриддин Айнӣ, ки осори хешро таҳрир намудааст, сухан меравад. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки Садриддин Айнӣ асолат ва фасоҳати нутқро дар ҷойи аввал мегузошт.

**Фасли сеюми боби дуюм** “Садриддин Айнӣ ва Абулқосим Лоҳутӣ” ном дошта, дар ин фасл доир ба ҳамкории ин ду абармад дар таҳрири осори якдигар баҳс мекунад.

**Фасли чоруми боби дуюм** “Садриддин Айнӣ ва таҳрири забони осори классикон ” унвон дорад. Дар ин фасл муҳаққиқ фаъолияти муҳаррири Садриддин Айниро дар таҳрири “Ёддоштҳо”-и Восифӣ ва дигарон ба риштаи таҳқиқ кашидааст.

**Фасли панҷуми боби дуюм** “Садриддин Айнӣ ва таҳрири осори тарҷумашуд”** ном дошта, дар мавриди қайду эзоҳҳои устод дар хусуси матнҳои тарҷумавӣ бахшида шудааст.

**Боби сеюми диссертатсия** “Нақши Садриддин Айнӣ дар таҳрири осори нависандагони тоҷик” ном дошта, аз чор фасл иборат аст. **Дар фасли якуми боби сеюм** “Устод Айнӣ ва таҳрири забони асарҳои Ҷалол Икромӣ” доир ба фаъолияти муҳарририи Садриддин Айнӣ ва таҳрири осори

Ҷ.Икромӣ аз ҷониби устод Айнӣ сухан меравад. Ҷалол Икромӣ дарвоқеъ яке аз дастпарварони Садриддин Айнӣ буд, ки дар мактаби адабии ин донишманд тарбия гирифта ба камоли нависандагӣ расида буд.

**Фасли дуюми боби мазкур** "Устод Садриддин Айнӣ ва Сотим Улуғзода" унвон дошта, доир ба саҳми устод Айнӣ дар ташаккули фаъолияти адабии Сотим Улуғзода бахшида шудааст. Муҳаққиқ дар натиҷаи таҳқиқот хизмати устод Айниро дар тарбияи адибони тоҷик муайян кардааст.

**Фасли сеюми боби сеюм** "Садриддин Айнӣ ва Пулод Толис" номгузорӣ шуда, дар хусуси осори таҳриршудаи нависанда аз ҷониби Садриддин Айнӣ сухан меравад. Устод Айнӣ ҳар як ғалату камбудиҳоро дар интихоби вожаҳо, истифодаи калимаҳои шевагӣ нодида намегирифт ва ин маъниро ба нависандагону адибон сабақ медод. **Фасли чоруми боби сеюм** "Садриддин Айнӣ ва таҳрири асарҳои Раҳим Ҷалил" ном дошта, дар он дар мавриди маслиҳату машваратҳои Садриддин Айнӣ ба асарҳои Раҳим Ҷалил сухан меравад.

Аз матни фишурдаи диссертатсия маълум аст, ки муаллифи он маводи хеле зиёдро доир ба фаъолияти муҳарририи Садриддин Айнӣ ва маслиҳатҳои устод дар хусуси интихоби воситаҳои ҷамъоварӣ намуда, таҳлилу баррасӣ намуда, дар натиҷа хулосаҳои дақиқи илмӣ баровардааст. Дар охир метавон гуфт, ки диссертатсия ба ҳадафу вазифаҳои муайяннамудаи муаллиф пурра мувофиқ аст. Дар воқеъ, диссертатсияи мазкур аз нахустин корҳои пажуҳишиест, ки фаъолияти муҳарририи Садриддин Айнӣ ба таври мукаммал мавриди таҳлили лингвистӣ қарор дода шудааст.

**Хулосаи фишурда** нуктаҳои асосии диссертатсияро фаро гирифта, дар даҳ банд оварда шудааст. Банду басти кор гувоҳи он аст, ки унвонҷӯ ба таҳқиқоти забоншиносӣ ҳадафмандона муносибат намудааст. Ҳангоми баррасии мавзуъ аз адабиёти зиёди назариявӣ истифода намудааст, ки дар фишурда зикр ёфтаанд. Бо вуҷуди он, дар автореферат баъзе камбудиҳо ба назар мерасанд, ки зикри онҳо барои беҳдошти сифати кор дар мавриди корҳои минбаъда ва чопи рисола аз манфиат холӣ нест.

1. Дар саҳ. 15 дар ҷумлаи "Мунаққиди номбурда дар осори ҷудогонааш иллату сабабҳои диққати бепоёни Садриддин Айниро ба кори таҳриру муҳаррирӣ бо зикри далелҳои мустанад баён намудааст" вожаи иллат бемарид омадааст.

2. Дар фишурда ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ ба назар мерасанд: саҳ. 9,10,11,17,18..

3. Дар саҳ. 21. вожаҳои костагиҳову парешониҳо бемавқеъ корбаст гардидааст.

Эродҳои овардашуда ҷузъӣ буда, арзиши илмии пажуҳиши мазкурро коҳиш намедиҳанд. Дастовардҳои илмӣ дар диссертатсияи мазкур арзишманду назаррасанд ва муаллиф ба ҳадафҳои муайяннамудаи хеш муваффақ шудааст.

Бинобар ин, метавон гуфт, ки автореферати диссертатсияи **Алиева Ҷамила Файзовна таҳти унвони "Нақши Садриддин Айнӣ дар таҳрири забони асарҳои бадеӣ ва публитсистӣ"** ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ сазовор мебошад.

Муқарриз:
Доктори илми филология, мудири
кафедраи забони тоҷикии МДТ
"Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон
Ба номи Абуалӣ ибни Сино" Низомова Санобар Фахриевна

Суроға: 734003, ш. Душанбе,
Н. Сино, маҳаллаи Навбаҳор, хонаи 622
Тел:935154029
E-mail:sanobarnizomova66@gmail.com

Имзои Низомова С.Ф.-ро тасдиқ мекунам:
Сардои Раёсати рушди кадрии МДТ
"Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба
номи Абуалӣ ибни Сино", н.и.т. Сафаров Беҳрӯз Изатуллоевич

Суроғаи муассиса:
734003, ш. Душанбе,
кучаи Сино 29-31;
тел:446003977; факс 2353496
E-mail:info@tajmedun.tj
Web: WWW. tajmedun.tj

18.04.2024.